Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст.**

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки фаъолияти соҳибкорӣ нақши муҳими пешбарандаи рушду устувории иқтисодро мебозад, фароҳам овардани муҳити устувору солими молиявӣ яке аз омилҳои калидии рушди самараноки он ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ҳамчун яке аз самтҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дорад, зеро зиёда аз 60 фоизи аҳолӣ мустақим ё бавосита аз ин соҳа манфиат мебаранд. Бо вуҷуди ин, рушди устувори соҳибкории кишоварзӣ дар иқтисодиёт то ҳол ба мушкилоти ҷиддӣ, хусусан дар бахши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, рӯ ба рӯ мебошад. Бинобар ин, такмили муҳити молиявӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки шарти асосии амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ба ҳисиоб меравад.

Аз ин рӯ, такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ ва беҳтарсозии он имкон медиҳад, ки соҳибкорон ба қарзҳои дарозмуддат дастрасӣ пайдо кунанд, технологияҳои нав ва таҷҳизоти муосир ворид ва истифода карда шаванд, таваккалҳои истеҳсолӣ коҳиш ёбад ва ҳосилнокӣ боло равад, инчунин ҷойҳои нави корӣ фароҳам гарданд.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ ин гурӯҳи омилҳое мебошанд, ки аз муҳити дохила ва беруна ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд ва дараҷаи самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ низ бевосита аз солимии муҳити молиявии соҳибкорӣ вобаста мебошад.

Таҳлилҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки бе такмил додани муҳити молиявӣ ноил шудан ба рушди устувор ва самараноки соҳибкорӣ ғайриимкон аст. Бартараф кардани мушкилот ва беҳтар сохтани шароити молиявии фаъолияти соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки сатҳи пардохтпазирӣ ва рақобатпазирӣ боло равад ва замина барои рушди дарозмуддату устувори соҳибкорӣ фароҳам гардад.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки такмили муҳити молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ яке аз омилҳои калидӣ барои рушди устувор ва бомайлони иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Дар кишварҳое, ки бахши кишоварзӣ қисми муҳими иқтисодро ташкил медиҳад, фароҳам овардани дастрасии васеъ ба манбаъҳои молиявӣ на танҳо ба рушди истеҳсолот, балки ба тағйироти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсири амиқ мегузорад.

Пеш аз ҳама, такмил ва беҳтар шудани муҳити молиявӣ ба баланд гардидани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат мекунад. Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои дарозмуддат, фоизи нисбатан кам ва лизинги техникии муосир имкон медиҳад, ки технологияҳои истеҳсолӣ нав шаванд, ҳосилнокӣ афзоояд ва истеҳсолот ба меъёрҳои муосир наздик гардад. Ин раванд, дар навбати худ, барои таъмини амнияти озуқаворие кишвар нақши ҳалкунанда мебозад. Илова бар ин, такмили муҳити молиявӣ метавонад сатҳи камбизоатиро дар деҳот коҳиш диҳад. Соҳибкороне, ки аз нигоҳи молиявӣ дастгирӣ меёбанд, имкони рушди фаъолияти худ ва таъсиси ҷойҳои нави кориро пайдо мекунанд. Тавассути ин раванд, даромади хонаводаҳо дар деҳот зиёд гардида, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо оид ба такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳануз ҳам мушкилоти зиёде дар самти андозбандии соҳибкорон, қарзгузорӣ, суғуртакунонӣ ва ғайра мавҷуд аст. Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаи муҳити молиявии соҳибкорӣ, омилҳои ба он таъсиркунанда, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳамчунин пешниҳоди роҳу усулҳои такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Мубрамияти такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, махсусан дар бахши аграрии иқтисодиёт, дар он аст, ки ин раванд метавонад иқтисоди деҳотро фаъол, тавоно ва устувор гардонад. Бе ҳалли масъалаҳои дастрасии молиявӣ амалӣ намудани ислоҳот, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва ташкили истеҳсолоти рақобатпазир ғайримумкин мебошад. Аз ин рӯ, такмили муҳити молиявӣ яке аз самтҳои калидии рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 1.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ: таҳияи методикаи ташкили фаъолият аз рӯйи шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 1.5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; 1.7. Ташаккул ва рушди низоми таъминоти

инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ; Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ (моҳият, принсипҳо, шаклҳо, усулҳо): самтҳои асосии ташаккул ва рушди низоми танзим ва дастгирии соҳибкорӣ; 1.20. Ташкили ҳамкориҳои сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ; 1.23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он мувофиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгониҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда аз муайян намудани асосҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ ва пешниҳоди самтҳои асосии такмили он дар сатҳи микро ва макромуҳити молиявӣ иборат мебошад.

1. Дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф моҳияти мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ бо дарназардошти нуқтаи назари донишмандони дохилию хориҷӣ баррасӣ шудааст. Дар асоси онҳо ва бодарназардошти хусусиятҳои инкишофи иқтисоди миллӣ муаллиф нуқтаи назари худро доир ба муҳити молиявии соҳибкорӣ чунин пешниҳод кардааст: “Муҳити молиявии соҳибкорӣ вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ ва экологии ташаккулёфтае мебошад, ки ба соҳибкорон имконияти озодона фаъолият карданро муҳайё месозад ва самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд”.

2. Дар натиҷаи таҳлили ҳолати муҳити молиявии соҳибкорӣ муаллиф ошкор кардааст, ки сатҳи капитализатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш доранд. Кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ба воситаи такмили қонунгузорӣ, таъмини ҳуқуқи моликият, мораторияи санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ натиҷаҳои зарурӣ надода истодаанд. Вобаста ба ин, роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ба самтҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, бо истифода аз низоми SWOT-таҳлил дурнамои рушди муҳити молиявӣ то соли 2030 муайян карда шудааст;

3. Модели консептуалии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ таҳия карда шуда, роҳҳои такмили он бо дарназардошти риояи принсипҳои асосии технологияи истеҳсолот, мақсаднок истифодабарии сармояи қарзӣ, пешгирии бавуҷудоии қарзҳои дебиторӣ ва саривақт пардохт намудани қарзҳои кредиторӣ, таъмини ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва таъмини талаботи хоҷагӣ бо воситаҳои гардон пешниҳод гардидаанд;

4. Матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст, ки он ба дастгирии давлатии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои истеҳсолию тиҷоратӣ, таъсиси фондҳои махсусгардонидашударо дар бар мегирад. Ҳамкорӣ бо васоити ахбори оммаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ, ташаккули симои мусбии соҳибкорӣ воситаи асосии таҳкими мақоми иҷтимоӣ ва баланд бардоштани эътибори фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда

Қобили зикр аст, ки ҳадафи асосии тадқиқот дар баррасии маҷмӯи муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва ҷанбаҳои амалӣ вобаста ба муҳити молиявии соҳибкорӣ ифода меёбад. Ин таҳқиқот имконият фароҳам меорад, то мо сатҳи кунунӣ, хусусиятҳои ташаккул, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои афзалиятноки такмили муҳити молиявии соҳибкориро дақиқ муайян намоем. Бо асоснок сохтани чунин таҳлил, заминаи илмӣ барои пешниҳоди тадбирҳои зарурии ислоҳотӣ ва такмили сиёсати давлатӣ дар ин самт муҳайё мегардад.

Ба хотири иҷрои чунин ҳадафи муҳим ва расидан ба натиҷаҳои илмӣ, дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои гуногуни таҳлилӣ ва методҳои муосири илмии таҳқиқ истифода шудаанд. Муаллиф маҷмӯи васеи усулҳоро, аз ҷумла усули таҳлилу ҷамъбастҳои системавию таркибӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, моделсозии иқтисодию риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои пешгӯии илмиро ба кор бурдааст. Ин маҷмӯи методологӣ имконият додааст, ки равандҳои иқтисодӣ аз чанд самт мавриди омӯзиш қарор гиранд ва фаҳмиши муфассалу ҳамаҷонибаи муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод гардад.

Истифодаи ин усулҳо боис гардид, ки натиҷаҳои бадастомада дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ бошанд, хулосаҳои илмӣ бо далелҳои мушаххас асоснок гарданд ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба талаботи илми иқтисод ва амалияи идоракунии соҳибкорӣ мувофиқ бошанд. Дар ин замина, тадқиқот на танҳо арзиши назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ пайдо мекунад, зеро самтҳои такмили муҳити молиявӣ бо назардошти воқеияти иқтисоди миллӣ ва талаботи рушди устувори соҳибкорӣ муайян карда шудаанд.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Қайд кардан зарур аст, ки хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф метавонанд ба такомул додани асосҳои назариявӣ ва беҳтар намудани вазъи умумии муҳити молиявии соҳибкорӣ дар кишвар саҳми назаррас гузоранд. Дастовардҳои илмии ин таҳқиқот имконият медиҳанд, ки равандҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои гуногун самараноктар гардида, сатҳи дастгирии молиявии онҳо баланд бардошта шавад.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳияшуда метавонанд ба таври васеъ дар низоми таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ татбиқ гарданд. Онҳо барои такмили равандҳои таълимӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ ва омӯзонидани курсҳои махсус

оид ба соҳибкорӣ, агробизнес, менеҷмент ва дигар самтҳои марбут заминаи муҳим фароҳам меоранд.

Ҳамчунин, пешниҳодҳои инъикосёфта дар диссертатсия метавонанд ҳангоми такмил ва рушди заминаи қонунгузории соҳавӣ, инчунин дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Сохтори кори диссертатсия, гузориши мақсад ва алоқамандии мантиқии онҳоро тасдиқ мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, дар 175 саҳифа, 54 ҷадвал ва 17 расм оварда шудааст.

## 6. Мазмуни кори диссертатсионӣ

Дар бахши муқаддима муҳимияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян шудаанд. Ҳамчунин, объекти таҳқиқ, предмети он ва фарзияи илмӣ мушаххас карда шуда, асосҳои назариявию методологӣ ва манбаъҳои маълумотӣ оварда шудаанд. Навгонии илмии тадқиқот, нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо баён карда шудаанд. Мутобиқати кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқот, натиҷаҳои татбиқшуда ва мақолаҳои илмии вобаста ба мавзуъ низ инъикос ёфтаанд. Илова ба ин, сохтор ва ҳаҷми умумии диссертатсия низ нишон дода шудааст (с. 4–14).

Дар боби якуми диссертатсия **«Ҷанбаҳои назариявии рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ»** (саҳ. 15–57) масъалаҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкориро баррасӣ намуда, инчунин омилҳо, принсипҳо, марҳилаҳо ва хусусиятҳои ташаккулӣ муҳити молиявии соҳибкориро асоснок карда, таҷрибаи хориҷии фароҳамсозии муҳити соҳибкорӣ ва татбиқи он дар соҳаи кишоварзро таҳлил карда, масъалаи мутобиқсозии онҳоро ба шароити Тоҷикистон арзёбӣ мекунад.

Муаллиф дар саҳифаи 20 диссертатсия дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ алоқамандии унсурҳои муҳити молиявии соҳибкориро пешниҳод намудааст, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Дар қисмати назариявӣ муаллиф мафҳуми «муҳити молиявии соҳибкорӣ»-ро бо такя ба рушди таърихӣ ва таҳаввули назариявӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ қайд менамояд, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва ҳуқуқие дониста мешавад, ки ба соҳибкорон имконияти фаъолияти бемамониятро таъмин намуда, озодии фаъолият дар интихоби самти соҳибкорӣ, таъмини дастрасӣ

ба захираҳои иқтисодию молиявӣ, ҳамкорӣ бо соҳибкорони дохилию хориҷиро таъмин менамояд (саҳ. 24).

Муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои олимони дохилӣ ва хориҷӣ муҳити молиявиро ба ду шакл, муҳити молиявии дохилӣ ва моҳити молиявии берунӣ ҷудо намуда, моҳияти иқтисодии онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст, ки дорои аҳамияти илмию назариявии баланд мебошад (саҳ. 25).

Дар қисмати назариявии кор муаллиф ба омӯзиши омилҳо ва принсипҳои рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ диққати махсус равона намудааст, ки дар асоси омӯзиши асарҳои олимони ватанию хориҷӣ таснифи маъмултарин омилҳое, ки ба муҳити молиявӣ таъсир мерасонанд, тасниф кардааст (саҳ. 29).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки мустақилияти молиявӣ дар ҳамон вақт таъмин мегардад, ки агар соҳибкор принсипҳои асосии ташкили муҳити молиявии соҳибкорӣ риоя шавад. Ин имконият медиҳад, ки соҳаи кишоварзӣ устуворӣ ва самаранокии фаъолияти соҳибкориро таъмин менамояд. Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 36 принсипҳо ва хусусиятҳои ташкили муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ки дорои аҳаммияти назариявӣ мебошад (саҳ. 36).

Ҳамчунин, дар қисми назариявӣ таҷрибаи хориҷии фароҳамсозии муҳити соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, хулоса карда мешавад, ки дар ҳар як кишвари мавриди таҳқиқот қароргирифта шаклҳои гуногуни таъмини фазои сармоягузорӣ истифода мешаванд. Дар ҳамаи давлатҳои таҳқиқшуда шаклҳои мухталифи танзими давлатии соҳибкорӣ истифода бурда шудаанд, ки мақсади асосиашон таъмини ҳавасмандии соҳибкорон ба ҳисоб меравад (саҳ. 56).

Дар боби дуюми диссертатсия **«Баҳодиҳии ҳолати кунунии муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз ҷониби муаллиф ба вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ таҳлили гардида, инчунин, ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ баҳо дода шудааст (саҳ. 72–115).

Муаллиф дар саҳифаи 78 таъкид менамояд, ки гарчанде дар кишвар барои рушди соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ заминаҳои ҳуқуқию институтсионалӣ муҳайё шудааст, аммо то ҳол танзими барзиёд, сарбории зиёди андозӣ, мавҷудияти унсурҳои монополистӣ ва дигар омилҳои маҳдудкунанда ба назар мерасанд.

Ҳамзамон, тибқи хулосаи муаллиф (саҳ. 89), имкониятҳои молиявии бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд ва дигар ниҳодҳои молиявӣ нокифоя буда, онҳо наметавонанд талаботи бахши воқеии иқтисодиётро барои навсозии иқтидори истеҳсолӣ пурра қонеъ созанд.

Муаллиф (саҳ. 98) қайд мекунад, ки ҳолати молиявӣ - нишондиҳандаи асосии баҳои микромуҳити соҳибкорӣ буда, дар таҳлили он ду ҷанбаи муҳим - имкониятҳои молиявӣ ва дараҷаи хавф ба назар гирифта мешаванд.

Дар натиҷаи таҳлилҳо (саҳ. 113) муайян шудааст, ки микромуҳити молиявии соҳибкории кишоварзӣ унсурҳои истеҳсол, молия, маркетинг ва сохтори ташкилии хоҷагиро дар бар гирифта, дар маҷмӯъ иқтидор ва имкониятҳои соҳибкорро муайян мекунад. Бо вуҷуди ин, рушди истеҳсолот дар ин соҳа бо як қатор монеаҳо, аз қабили рушд наёфтани базаи технологӣ, паст будани фаъолияти инноватсионӣ, фарсудашавии фондҳои асосӣ, вобастагии баланд аз нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ, нокифоя будани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ғ. рӯбарӯ мебошад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ»** доир ба самтҳои асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ; таҳияи стратегияи молиявӣ ҳамчун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ва мукаммалсозии механизми танзими давлатии фазои соҳибкорӣ ҳамчун пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Муаллиф омилҳои таъсиррасон ба муҳити молиявии соҳибкориро дар сатҳи макроиқтисодӣ ба гурӯҳҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷудо карда, таъкид менамояд, ки ҳалли масъалаҳои макроиқтисодӣ тақвияти сиёсати буҷетӣ ва пулӣ, паст нигоҳ доштани таваррум, коҳиши гардиши пули нақд, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, танзими низоми андоз ва беҳсозии фазои сармоягузориро талаб мекунад (саҳ. 127).

Дар шароити иқтисодиёти муосир самаранокии соҳибкорӣ аз стратегияи молиявӣ вобаста аст. Стратегияи молиявӣ рақобатпазирии корхонаро меафзояд, имкониятҳои ҷалби сармояро беҳтар мекунад, ҷараёни истифодаи захираҳои молиявиро ҳамоҳанг месозад ва ба баланд гардидани арзиши бозории ширкат мусоидат менамояд. Мақсади асосии он - таъмини соҳибкор бо захираҳои кофии молиявӣ мебошад (саҳ. 130).

Ҳукумати Тоҷикистон имрӯз аз механизмҳои гуногуни танзим барои беҳсозии муҳити молиявӣ истифода мебарад. Аз ҷумла, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» масъалаҳои такмили фазои сармоягузорӣ ва муҳити молиявӣ таҳлил ва самтҳои асосии ҳаллу рушди онҳо муайян карда шудаанд (саҳ. 152).

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкориро таҳия намудааст, (ҷадв. 3.3.1., саҳ. 148) ки дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ мебошад.

## 7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Дар асоси таҳлили маълумоти мавҷуда муайян мегардад, ки натиҷаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия дар 23 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ин шумора 12 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расидаанд. Ҳамчунин 11 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводҳои конференсияҳо чоп шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таълифоти муаллиф ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ комилан мутобиқ мебошад.

## 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Зикр кардан муҳим аст, ки автореферати диссертатсия пурра мазмун ва муҳтавои кори илмиро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

## 9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Умуман, аз ҷиҳати аҳамияти илмӣ ба диссертатсияи мазкур баҳои мусбат дода мешавад. Аммо дар баробари комёбиҳои назаррас дар диссертатсия чунин норасоӣ ва ҳолатҳои баҳсталаб ба назар мерасанд:

1. Муаллиф агар дар қисмати назариявии диссертатсия таҳқиқотро аз баррасии муҳити соҳибкорӣ ва шаклҳои он оғоз намуда) ва сипас бо баррасии муҳити молиявии соҳибкорӣ ҷамъбаст намуда, шаклҳо ва воситаҳои маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши кишоварзиро мавриди омӯзиш қарор медод, ба мақсад мувофиқ мешуд.

2. Мазмуни илмии кор боз ҳам баланд мегардид, агар муаллиф хусусиятҳои муҳити молиявии соҳибкориро дар соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти хавф, мавсимият ва талаботи сармоягузорӣ мавриди омӯзиш қарор дода, инчунин алоқамандии унсурҳои дигари муҳити соҳибкориро ба муҳити молиявӣ ба тариқи модели иқтисодӣ пешниҳод менамуд.

3. Муаллиф дар зербоби 2.1. танҳо яке аз унсурҳои муҳити молиявии соҳибкорӣ - андозбандиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Хубтар мешуд дар ин зербоб ҳамчунин ҳолати қарзгузорӣ, суғуртакунонӣ ва имтиёзҳои молиявии пешниҳоднамудаи давлат ба соҳибкорон дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

4. Муаллиф дар қисмати зербоби 2.2. бештар маълумотҳои умумии муҳити молиявии берунаи соҳибкориро мавриди омӯзиш қарор додааст. Сифати илмии кор баланд мегардид агар муаллиф имкониятҳои ниҳодҳои

молиявӣ (бонкҳо, муассисаҳои қарзии хурд, суғурта, лизинг ва ғ.), инчунин, дастрасӣ ба қарзҳо, арзиши қарз, меъёри таваррум, хавфҳои молиявиро дар раванди арзёбии муҳити молиявии беруна ба назар мегирифт.

5. Дар қисмати зербоби 3.1. диссертатсия дурнамои омилҳои сиёсии рушди муҳити молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамои шаклҳои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар омилҳо то соли 2030 оварда шудааст. Сифати кори илмӣ баланд мешуд, агар муаллиф методҳои истифодаи ин дурнамоҳоро пурра нишон медод, зеро дар аксар вақт баҳсҳои илмиро ба вуҷуд меорад.

6. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 10. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсия дар мавзӯи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ кори илмии баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он – Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Сардори раёсати рушди стратегӣ ва
идоракунии сифати Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Валиев Н.Ш.**
06-12.25

*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055,*
*ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5*
*E-mail: Nizomiddin_valiev86@mail.ru*
*Телефон: (+992) 918144914*

Имзои Валиев Н.Ш.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**